**2.5. Эъломия доир ба ҳуқуқҳои шахсоне, ки мансубияти ақаллияти миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонро доранд**

*қатъномаи 47/135 Ассамблеяи Генералии СММ аз 18 декабри соли 1992 Ассамблеяи Генералӣ,*

**Бори дигар тасдиқ аз он менамоем, ки яке аз мақсадҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид, тавре, ки дар Оиннома эълон гардидааст ин ташвиқ намудан ва инкишофи эҳтиром ба ҳуқуқи башар ва ҳама гуна озодиҳои бунёдӣ бе тафовути нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ ё динӣ мебошад,**

**Бори дигар бовариро ба ҳуқуқҳои асосии инсон шаъну эътибор ва арзишҳои шахсияти инсон, баробарҳуқуқии занону мардон ва баробарии миллатҳои хурду калон тасдиқ менамоем,**

**Ҷидду ҷаҳд кардан баҳри мусоидат ба татбиқи принсипҳое, ки дар Оинома, Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар, Конвенсия оид ба пешгирӣ кардани ҷиноятӣ генотсид ва ҷазо барои он, Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи рафъи ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Эъломия оиди барҳам додани ҳамаи шаклҳои бетаҳаммулӣ (мухолифат) ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак мустаҳкамгардида инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори байналхалқие, ки дар сатҳи универсалӣ ва минтақавӣ қабулгардида ва ҳуҷҷатҳои байналхалқие, ки байни кишварҳои алоҳидаи узви Созмони Милали Муттаҳид баста шудаанд,**

**Мувофиқи муқаррароти моддаи 27 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ мансубанд.**

Моддаи 1.

**1. Давлатҳо дар қаламрави дахлдори худ зиндагӣ (мавҷудият) ва ба худ хоси ақаллияти миллӣ ё этникӣ, фарҳангӣ, динӣ ва забониро ҳифз мекунанд ва ҷиҳати ташкили шароитҳо барои инкишофи мустақилонаи он ташвиқ намоянд,**

**2. Давлатҳо барои ноил гардидан ба ин мақсад чораҳои қонунӣ ва дигар тадбирҳои дахлдорро меандешанд;**

Моддаи 2.

**1. Шахсоне, ки ба ақаллияти миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ мансубанд (минбаъд шахсони мансуб ба ақаллият ном бурда мешавад), ба истифодабарии арзишҳои фарҳангии худ, пайрави кардан ба дин ва ба ҷо овардани русуми динӣ, инчунин ба таври оммавӣ ва дар ҳаёти шахсӣ, озодона ва бидуни дахолат ё табъиз дар кадом шакле набошад истифода бурдани аз забони худ ҳақ доранд;**

**2. Шахсони мутаалиқ ба ақаллият, ҳуқуқ доранд дар қабули қарор дар сатҳи миллӣ ва он ҷое зарур аст дар сатҳи минтақавӣ марбут ба ақаллияте, ки ба он мансубанд иштирок намоянд ё он минтақаҳо, ки тибқи тартибе, ки хилофи қонунгузории миллӣ намебошанд, иқомат мекунанд;**

**3. Шахсони мутаалиқ ба ақаллият барои ташкили ассотсиатсияи худ ва таъмин намудани фаъолияти он ҳақ доранд;**

**4. Шахсони мутаалиқ ба ақаллият бидуни ягон табъиз барои барқарор ва нигоҳ доштани робитаҳои озодона ва осоишта (осудаҳолона) бо дигар аъзоёни гурӯҳи худ ва бо шахсоне, ки ба дигар ақаллият мансубанд, инчунин тавассути сарҳад робита бо шаҳрвандони дигар давлатҳое, ки бо онҳо риштаҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ё забонӣ алоқаманд мебошанд, ҳақ доранд;**

Моддаи 3.

**1. Шахсони мутаалиқ ба ақаллият метавонанд ҳуқуқҳои хешро, аз ҷумла ҳуқуқҳое, ки дар ин эъломия баён карда шудааст, чи бо тартиби инфиродӣ ва чи якҷоя бо дигар аъзоёни ин гурӯҳ бидуни ягон табъиз, амалӣ намояд;**

**2. Истифодабарӣ ё истифода накардани ҳуқуқҳое, ки дар ин Эъломия муқаррар карда шудааст, набояд боиси оқибатҳои манфӣ барои ҳолати дилхоҳ шахсони мутаалиқ ба ақаллият, гардад.**

Моддаи 4.

**1. Давлатҳо ҳангоми зарурият тадбирҳоро меандешанд, то ки шахсони мутаалиқ ба ақаллият тавонанд пурра ва самаранок амалигардонии тамоми ҳукуқҳои инсон ва озодиҳои асосиро бидуни ягон табъиз ва дар асоси пурраи баробарӣ дар назди қонун, таъмин намоянд.**

**2. Давлатҳо баҳри ташкили шароити мусоид тадбирҳо меандешанд, ки ин ба шахсони мутаалиқ ба ақаллият имконият медиҳад хусусиятҳои миллӣ ва фарҳанг, забон ва расму русуми хешро инкишоф диҳанд, ба истиснои он мавридҳое, ки амалигардонии фаъолияти мушаххас боиси вайрон шудани қонунгузории миллӣ ва хилофи меъёрҳои байналхалқӣ мегардад.**

**3. Давлатҳо тадбирҳои дахлдорро барои он мендешанд, ки дар мавриди иҷрошаванда будан шахсони мутаалиқ ба ақаллият барои омӯзиши забони модарӣ ё таълим бо забони модарӣ имкониятҳои муносиб дошта бошанд.**

**4. Давлатҳо дар мавриди зарурӣ дар соҳаи маориф, ба мақсади хавасмандии омӯзиши таърих, анъана, забон ва фарҳангӣ ақаллияте, ки дар қаламрави он истиқомат мекунанд, тадбирҳо меандешанд. Шахсони мутаалиқ ба ақаллият бояд имконияти муносиберо, ки баҳри дарёфти маълумот барои зиндагӣ кардан дар ҷомеа зарур аст, дошта бошанд.**

**5. Давлатҳо масъаларо дар хусуси андешидани тадбирҳои лозима баррасӣ менамоянд, то ки шахсони мансуб ба ақаллият тавонанд дар ҳаҷми пурра дар таъмини прогрессии иқтисодӣ ва рушди кишвар иштирок намоянд.**

Моддаи 5.

**1. Сиёсати миллӣ ва барномаҳо бо дар назардошти муносиби манфиатҳои қонунии шахсони мутаалиқ ба ақалият таҳия ва амалӣ мегардад.**

**2. Барномаҳои ҳамкорӣ ва кӯмак байни кишварҳо бо дарназардошти манфиатҳои қонунии шахсони мутаалиқ ва ақаллият таҳия ва татбиқ мегардад.**

Моддаи 6.

**Давлатҳо дар масъалаҳои марбут ба шахсони мутаалиқ ба ақаллият, аз он ҷумла дар ҷодаи мубодилаи (табодули) иттилоот ва таҷриба ба мақсади рушди ҳусни тафоҳум ва эътимод бояд ҳамкорӣ намоянд.**

Моддаи 7.

**Давлатҳо бояд ҷиҳати ҳамкорӣ ба мақсади эҳтироми ҳуқуқҳои дар ин Эъломия зикргардида, ташвиқ намоянд.**

Моддаи 8.

**1. Ҳеҷ як нуқтаи ин Эъломия барои аз ҷониби давлатҳо иҷро кардани ӯҳдадориҳои байналхалқии худ нисбати шахсони мутаалиқ ба ақаллият, монеъ намешаванд. Аз ҷумла, давлатҳо бояд ӯҳдадориҳоеро, ки мувофиқи шартномаи байналхалқӣ ва созишномаҳое, ки иштирокчии он мебошад, ба зимма гирифтаанд, софдилона иҷро намоянд.**

**2. Ҳуқуқҳои дар ин Эъломия зикргардида, бояд бидуни ворид намудани халал дар мавриди аз тарафи ҳамаи шахсон амалӣ намудани ҳуқуқҳои умуми эътирофшудаи инсон ва озодиҳои асосӣ татбиқ гардид.**

**3. Тадбирҳое, ки давлатҳо ба мақсади таъмини самаранок амалӣ намудани ҳуқуқҳои дар ин Эъломия зикргардида меандешанд, хилофи Принсипи баробарӣ, ки дар Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар дарҷ гаштааст, арзёбӣ ё худ ҳисоб намегардад.**

**4. Ҳеҷ як нуқтаи ҳамин Эъломия наметавонад ҳамчун рақобат дониста ба ягон фаъолияте, ки хилофи мақсад ва принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла принсипи эҳтироми баробарии соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва мустақилияти сиёсии давлат тафсир дода шавад.**

Моддаи 9.

**Муассисаҳои махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳо дар доираи салоҳияти худ бахри пурра амалӣ намудани ҳуқуқ ва принсипҳои дар ин Эъломия овардашуда, мусоидат намоянд.**